# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Имрӯз, 13-уми марти соли 2026 дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мизи мудаввар бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Наврӯз дар тарбияи ҷавонон» баргузор гардид. Мизи мудавварро директори муассиса Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, зимни суханронӣ аҳамияти таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз ва нақши онро дар таҳкими арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва тарбияи маънавию ахлоқии насли ҷавон таъкид намуд. Зикр гардид, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни бостонии мардуми тоҷик ва дигар халқҳои минтақа дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми шоиста касб намуда, ба ҳайси рамзи сулҳу дӯстӣ, эҳёгари суннатҳои неки миллӣ ва омили муҳими ҳамгироии фарҳангҳо дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил мегардад. Дар идомаи чорабинӣ Холиқзода Холмаҳмад – ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии муассиса дар мавзуи «Нақши Наврӯз дар ташаккул ва таҳкими ҳувийяти миллӣ» маъруза намуда, таъкид кард, ки арзишҳо ва суннатҳои наврӯзӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва тарбияи маънавии ҷавонон нақши муҳим доранд. Ҳамчунин, ходимони пешбари илмии шуъба Гадоев Идибек дар мавзуи «Наврӯз – ҷашни бостонии ниёгон» ва Валиев Беҳрӯз дар мавзуи «Наврӯз аз оини мардумӣ то ҷашни байналмилалӣ» баромад намуда, доир ба таърихи ташаккул, мазмуну муҳтавои фарҳангӣ ва ҷаҳонӣ гардидани ҷашни Наврӯз андешаҳои илмии худро иброз намуданд. Дар анҷоми мизи мудаввар мубодилаи афкор сурат гирифта, иштирокчиён доир ба масъалаҳои матраҳгардида андеша ва пешниҳодҳои судманд баён карданд.



















